БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# Шарҳи моҳонаи таваррум • МАЙ 2025

**Дар моҳи майи соли 2025 сатҳи таваррум[1] 0,1 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

## Таварруми хӯроквории

Дар сохтори таварруми моҳона нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ба андозаи 0,3 фоиз (саҳм дар таваррум 0,1 б.ф.) раванди болоравӣ дошт. Афзоишёбии мазкур асосан аз ҳисоби қиматшавии нархи сабзӣ 17,0 фоиз, пиёз 12,8 фоиз, харбуза 12,0 фоиз, лиму 11,7 фоиз, тарбуз 9,3 фоиз, помидор 8,4 фоиз, равғани офтобпараст 3,2 фоиз, равғани пахта 1,7 фоиз, нок 1,5 фоиз, гӯшти гӯсфанд 1,5 фоиз, гӯшти гов 1,4 фоиз ва ғайра ба амал омад.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи бодиринг 33,9 фоиз, қаламфури булғорӣ 5,1 фоиз, орди навъи якум 2,0 фоиз ва биринҷ 0,9 фоиз ба назар расид.

## Таварруми ғайрихӯрокворӣ

Нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ дар ин моҳ раванди коҳишёбӣ дошта, -0,1 фоизро ташкил намуд. Коҳишёбии мазкур асосан аз ҳисоби пастравии нархи бензин АИ-92 1,6 фоиз, сӯзишвории дизелӣ 1,3 фоиз, хишти пухта 1,2 фоиз, шифер 0,9 фоиз, маводи дорувори 0,2 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

## Таварруми хизматрасонӣ

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, дар моҳи мазкур 0,2 фоиз (бо саҳми ночиз) раванди афзоишёбӣ дошт. Болоравии мазкур асосан дар натиҷаи афзоиш ёфтани нархи хизматрасониҳои хӯроки ҷамъиятӣ 2,9 фоиз, нақлиётӣ 0,9 фоиз ва маишӣ 0,3 фоиз ба амал омад.

**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи майи соли 2025 3,8 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,2 б.ф. зиёд мебошад.**

**Таварруми моҳона ва солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии нархи маҳсулоти асосии хӯрокворӣ дар моҳи майи 2025,бо фоиз** (манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррум аз рӯи саҳм солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Дар моҳи майи соли 2025 сатҳи таварруми солона дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 35,4 фоиз, Қазоқистон 11,3 фоиз, Россия 9,9 фоиз, Ӯзбекистон 8,7 фоиз, Беларус 7,1 фоиз, Арманистон 4,3 фоиз ва Гурҷистон 3,5 фоиз ба назар расид.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи майи соли ҷорӣ -0,1 фоиз буда, бо арзёбии солона ба 0,8 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати расидан ба мақсади асосӣ - нигоҳ доштани сатҳи муътадилии нархҳои дохилӣ, татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзиро минбаъд низ идома медиҳад.**

**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)** (манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)* | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | 2022 | | | | 2023 | | | | 2024 | | | | 2025 | | | | | Май, тағйирёбии моҳона бо % |
| | | Март | Июн | Сен | Дек | Март | Июн | Сен | Дек | Март | Июн | Сен | Дек | Июн | Фев | Мар | Апр | Май | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **4,2** | **3,6** | **2,4** | **5,1** | **3,8** | **3,6** | **3,5** | **3,1** | **3,6** | **3,5** | **3,6** | **3,4** | **3,6** | **3,8** | **0,1** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,6** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **5,2** | **4,3** | **1,1** | **5,8** | **3,4** | **1,8** | **1,5** | **0,6** | **2,5** | **3,1** | **3,1** | **3,1** | **3,0** | **3,6** | **0,2** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,4 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 4,7 | -2,6 | -8,7 | 2,3 | 6,4 | 7,6 | 6,0 | -0,1 | -1,2 | -1,2 | -1,0 | -3,2 | -4,7 | -5,9 | -1,3 |
| Биринҷ | 1,7 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 9,1 | 21,6 | 54,1 | 54,8 | 45,3 | 36,6 | 8,8 | 6,2 | 9,3 | 9,5 | 6,0 | 5,1 | 1,6 | 0,5 | -0,9 |
| Орд | 3,8 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 2,8 | -12,6 | -30,1 | -14,8 | -7,3 | -2,2 | 6,8 | -5,5 | -8,9 | -9,8 | -9,3 | -11,0 | -11,7 | -13,2 | -2,0 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 6,9 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -0,8 | -0,2 | 5,3 | 6,8 | 3,8 | 6,0 | 7,1 | 12,5 | 16,6 | 15,3 | 15,4 | 15,6 | 15,1 | 15,3 | 0,7 |
| Гӯшти гов | 3,1 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -4,8 | -2,5 | 6,5 | 9,3 | 5,7 | 9,0 | 11,2 | 20,1 | 28,5 | 25,3 | 24,8 | 24,7 | 24,2 | 25,1 | 1,4 |
| Тухм | 1,5 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 43,1 | 40,4 | 19,6 | 0,3 | -30,6 | -21,9 | -26,9 | -9,2 | 5,8 | 7,7 | 3,9 | 10,1 | 9,7 | 16,9 | -6,0 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,4 | 14,7 | 8,6 | 5,2 | 2,2 | 6,3 | 7,9 | 10,0 | 9,7 | 4,7 | 4,0 | 5,5 | 5,1 | 5,9 | -0,8 |
| Шир | 0,7 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 20,4 | 18,5 | 8,9 | 6,7 | 3,5 | 0,1 | 4,0 | 13,0 | 5,8 | 5,8 | 5,0 | 9,3 | 10,4 | 11,3 | -1,9 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 3,7 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -10,6 | -11,2 | -28,9 | -22,7 | -24,5 | -21,7 | -3,3 | 0,1 | 15,8 | 13,5 | 14,1 | 14,4 | 16,5 | 19,0 | 2,0 |
| Меваҷот | 2,4 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -6,9 | 1,5 | 13,9 | 28,8 | 33,1 | 28,2 | 23,1 | 0,3 | -9,7 | -12,1 | -11,7 | -7,4 | -9,6 | -11,9 | 2,7 |
| Сабзавот | 7,1 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 12,1 | 23,1 | 17,1 | 18,1 | 0,0 | -13,8 | -13,4 | -11,9 | -2,4 | 2,2 | 4,2 | 7,4 | 9,9 | 17,7 | 2,8 |
| Шакар | 1,3 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 6,2 | -9,1 | 8,3 | 18,2 | 27,6 | 32,9 | -0,8 | -1,4 | -9,5 | -8,4 | -8,7 | -9,7 | -8,4 | -8,8 | -0,4 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,0 | 13,1 | 10,9 | -5,2 | -3,8 | -8,1 | -8,2 | -0,5 | -3,5 | 5,2 | 3,7 | 0,7 | 0,9 | 0,7 | 0,1 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **5,5** | **6,7** | **6,5** | **2,7** | **5,7** | **9,0** | **6,3** | **6,3** | **10,9** | **5,9** | **5,2** | **5,9** | **7,4** | **10,5** | **2,8** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **0,8** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **2,9** | **1,5** | **0,5** | **0,8** | **2,0** | **3,0** | **4,5** | **5,7** | **9,4** | **9,5** | **9,4** | **9,4** | **9,4** | **8,4** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **38,4** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,9** | **3,5** | **4,5** | **6,0** | **6,6** | **6,0** | **5,3** | **5,5** | **4,0** | **3,7** | **4,0** | **3,7** | **3,6** | **3,3** | **-0,1** |
| Либос ва пойафзол | 11,8 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 4,0 | 4,3 | 5,5 | 7,3 | 6,0 | 5,1 | 4,1 | 1,8 | 1,4 | 1,7 | 1,8 | 2,2 | 1,7 | 1,2 | -0,1 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 2,7 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 3,8 | 2,9 | 5,8 | 5,4 | 5,5 | 7,4 | 4,6 | 4,0 | 4,1 | 4,2 | 4,3 | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 0,3 |
| Маводи шустушӯй | 1,1 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 22,6 | 24,2 | 14,7 | 4,6 | -1,5 | -1,3 | -1,1 | 2,6 | 1,5 | 0,9 | -0,7 | -1,9 | -1,9 | -2,8 | 0,0 |
| Доруворӣ | 1,8 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 11,2 | 5,1 | 11,5 | 9,4 | 13,2 | 11,8 | 9,6 | 10,5 | 7,6 | 7,5 | 7,2 | 7,2 | 7,1 | 6,9 | 0,2 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,7 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -21,2 | -26,9 | -19,2 | -2,9 | 19,5 | 23,6 | 12,8 | 6,5 | 1,0 | 0,6 | 1,0 | -0,1 | -1,0 | -1,3 | -1,1 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,9 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -1,7 | 1,1 | -0,9 | -0,8 | 8,3 | 12,5 | 15,1 | 17,0 | 6,8 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 4,8 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,7 | 13,2 | 12,7 | 12,7 | 12,1 | -0,8 | -0,3 | -0,3 | -0,3 | -0,3 | 0,5 | 0,5 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,4 | 4,8 | 3,7 | 3,5 | 2,5 | 3,4 | 4,3 | 2,6 | 2,7 | 2,4 | 2,4 | 1,5 | 1,6 | 0,7 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **13,0** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **2,0** | **2,1** | **2,7** | **3,6** | **1,2** | **4,6** | **5,6** | **5,4** | **4,8** | **3,7** | **4,0** | **3,3** | **5,2** | **5,2** | **0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,2 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 4,4 | 4,3 | 7,5 | 9,1 | 1,7 | 9,6 | 8,7 | 8,5 | 7,8 | 2,2 | 2,5 | 2,1 | 8,3 | 8,2 | 0,0 |
| Иҷорапулии манзил | 0,7 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 7,0 | 3,2 | 3,2 | 2,7 | 1,2 | 2,2 | 3,3 | 3,5 | 4,9 | 7,6 | 7,6 | 7,9 | 7,8 | 6,7 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,5 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 1,1 | 1,1 | 1,4 | 2,1 | 4,0 | 5,3 | 5,3 | 5,3 | 5,2 | -0,1 |
| Қувваи барқ | 1,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,7 | 17,7 | 0,3 | 14,8 | 14,5 | 14,3 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 15,0 | 15,0 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,4 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -29,6 | -42,2 | -34,6 | -4,4 | 27,0 | 55,5 | 44,0 | 17,4 | -0,1 | -0,5 | 0,7 | -1,0 | 0,5 | 1,9 | -0,4 |
| Нақлиёт | 2,3 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | -1,2 | -0,2 | -1,8 | -3,2 | -4,2 | -2,1 | 0,3 | 2,0 | 2,4 | 1,4 | 0,4 | 0,9 | 1,5 | 1,7 | 0,9 |
| Алоқа | 1,5 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,0 | -1,4 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | 4,2 | 4,7 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 0,0 |
| Маориф | 0,7 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 3,6 | 3,1 | 3,6 | 3,6 | 1,7 | 0,6 | -0,2 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,5 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 1,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 3,7 | 3,7 | 2,8 | 3,7 | 0,2 | -0,7 | -1,8 | -3,0 | -3,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 3,0 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 3,9 | 3,5 | 4,3 | 4,8 | 6,6 | 9,9 | 8,9 | 7,0 | 5,6 | 6,4 | 6,4 | 5,1 | 5,1 | 0,3 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо